«Тасдиқ мекунам»
ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент
__________Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.
«_23_»_____январ_____с.2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон - ба диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика).**

**1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда**

Диссертатсияи Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) мувофиқат мекунад: 1. Таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нав, мутобиқсозии мавҷуди онҳо дар амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии иттиҳодияҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 2. Асосҳои назариявӣ ва методии таъмини рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккул ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда; 16. Ташаккули механизмҳои рушди устувори иқтисодиёти соҳаҳои саноат ва мӯҷтамаи сӯзишворию энергетикӣ. Арзёбӣ ва суғуртакунии хавфҳои субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 18. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар саноат ва энергетика. Тартиби таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар соҳаҳои саноат ва энергетика, самаранокӣ; 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, густариши инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Проблемаҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар

саноат ва комплекси сӯзишворию энергетикӣ; 28. Равишҳои назариявию методологӣ доир ба таъсиси низоми назоратӣ дар корхонаҳои соҳаи саноат ва энергетика; 37. Минтақаҳои саноатӣ ва шаҳракҳои саноатӣ. Нуқтаҳои рушди саноатӣ ва истифодаи самараноки иқтидори саноатӣ ва энергетикӣ.

## 2. Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ

Дар замони муосир фаъолияти корхонаҳои саноатӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ва давлат нақши калидиро иҷро менамоянд. Аз ин рӯ, рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба болоравии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ равона карда шудааст, ки он тағйироти афзалиятноки сохторӣ ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳ ва ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми декабри соли 2018 саноатикунонии босуръати кишварро стратегияи чоруми миллӣ эълон намуданд. Барои рушди соҳаи саноат якчанд барномаву стратегия ва нақшаи чорабиниҳо, аз ҷумла Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025, Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022, Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ва Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 қабул гардиданд. Илова бар он, дар Паёми навбатии худ Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2022 – 2026 "Солҳои рушди саноат" эълон карда шуд. Санадҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав, таъсиси ҷойҳои корӣ ва гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши иловашудаи баланд замина мегузорад.

Рушди саноат ва муваффақ шудан ба қонеъгардонии талаботи бозори ҷаҳонӣ симои мамлакатро дар арсаи байналмилалӣ ба таври мусбат инъикос намуда, ҳар давлат бо моли истеҳсолкардааш муаррифӣ карда мешавад. Соҳаи саноат на фақат ҳамчун сарчашмаи даромад хизмат менамояд, инчунин имкониятро барои таҳкими ҷанбаҳои дигари ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар, аз ҷумла ташкили ҷойҳои кории нав, баланд намудани ҳисси ифтихори миллӣ, устувории иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ фароҳам меорад. Таъмини рушди босуръати саноат ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ якчанд манфиатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дошта, илова ба миқёси воқеии даромад, гарчанде ин омили

назаррас аст, рушди саноат дигар афзалиятро доро мебошад. Аз ҷумла, гардиши молию пулии корхонаҳо ва талаботи онҳоро ба асъори миллӣ зиёд карда, барои устувор нигоҳ доштани қурби асъори миллӣ шароит фароҳам меорад; ба устувор гардидани эътимод ба низоми бонкии мамлакат, афзоиши депозитҳо дар бонкҳо, кам шудани талабот ба асъори хориҷӣ ва рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва биржаҳои фондӣ замина мегузорад; имконияти содиротии мамлакатро васеъ намуда, воридоти бештари асъори хориҷиро ба иқтисодиёти миллӣ таъмин менамояд.

Дар натиҷаи таъминкунии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, дар маҷмуъ, қобилияти ба рақобати беруна тобоварии иқтисодиёти ҳар як давлат вусъат меёбад. Маҳз, масоили мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ рӯз то рӯз муҳимтар мегардад. Зеро шомилшавии иқтисодиёти миллӣ ба ҷараёни ҷаҳонишавӣ босуръат идома ёфта, бояд дар ин самт таъмини рақобатпазирии соҳаи саноат мавқеи хоса дошта бошад.

Ҳамчунин, аз нуктаи назари макроиқтисодӣ дар самти афзоиши рақобатпазирии дохилии истеҳсолии кишвар, ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолӣ, иқтидори саноатӣ ва содиротии он инъикос мегардад.

Дар таҳқиқотҳои илмии ватанӣ масъалаи баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ нокифоя мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, зеро то оғози ислоҳотҳои бозорӣ, яъне дар давраи иқтисодиёти амрию нақшавӣ минтақаҳо танҳо аз ҷиҳати ҷойгиршавии захираҳои истеҳсолӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, ҳамчун субъекти асосӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти кишвар эътироф карда намешуданд. Зеро тавассути таъмини фаъолияти самаранокии иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, дар маҷмуъ, рақобатпазирии кишвар муяссар мегардад.

Муаллифи диссертатсия комилан дуруст қайд менамояд, ки: “Дар баробари ин, дар корхонаҳои саноатии мамлакат як қатор мушкилоти муҳим, аз ҷумла сатҳи пасти маҳсулнокии меҳнат, ҳаҷми нокифояи сармоягузорӣ барои коркард ва ҷорисозии инноватсияҳо, фонҳои истеҳсолии куҳнашуда, рушд наёфтани низоми идоракунии стратегӣ ва амсоли инҳо ҷой доранд”(С.4).

Муаммоҳои мазкур масалаҳои тадқиқоти ҳамаҷонибаи масъалаи таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатиро дар шароити саноатикунонии босуръат, муайян намудани омилҳои тавсифотии он ва дар ин замина коркард намудани усули арзёбӣ методикаи баҳодиҳӣ ва тарзу усулҳои баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии онҳоро актуалӣ мегардонанд.

Ҳамин тавр, интихоби мавзуъ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддинро мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия**

Дар диссертатсия масъалаҳои назариявию амалӣ, равияҳои консептуалӣ ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ, самаранокӣ, таъмини рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ гардида, тавсияҳои илман исботшуда ҷиҳати такмили ин раванд асоснок шудаанд.

Боиси қайд аст, ки ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, нуктаҳои зерини ҷанбаҳои илмию назариявӣ, методӣ ва амалӣ оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодӣ дар ин раванд инъикос ёфтааст, ки воқеан, дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд, пешниҳод гардидааст:

- дар таҳқиқоти диссертсионӣ нахуст консепсияҳои илмии “рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ”, “механизми ташкилӣ-иқтисодӣ”, таҳлили объективона гузаронида, ҷанбаҳои назариявӣ, муаммоҳои ташаккул ва татбиқи амалии он, мафҳуми иқтисодии онҳо дар шароити саноатикунонии босуръат ҳамчун омили асосии рушди иқтисодиёти кишвар асоснок карда шудааст;
- низомбандӣ намудани хусусиятҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳлили тамоюли инкишофи рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир тафсир карда шудааст;
- дар таҳқиқот омилҳое, ки инкишофи корхонаҳои саноати коркардро боз медоранд, аз нигоҳи ба ҳалли фасл намудани онҳо барои таъмини самараи рушд соҳаи саноат асоснок карда шудааст. Инчунин, аз ҷониби муаллиф, тавсияҳо доир ба инкишофи инфрасохтори институтсионалӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, нақлиётӣ-логистикӣ, истеҳсолӣ-фурӯшӣ, иттилоотӣ-маркетингӣ ва илмӣ-технологии корхонаҳои саноатӣ коркард ва пешниҳод карда шудаанд;
- дар таҳқиқот дар асоси таҳлили андешаҳои гуногун механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ таҳия карда шудааст. Ҳамзамон, низоми самараноки инкишофи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешкаш шудааст;
- арзёбии афзалиятҳои стратегии рушди корхонаҳои саноати амалӣ гардидааст, самтҳои афзалиятноки фаъолияти ташкилоту муассисаҳои

давлатӣ, ғайридавлатӣ, ҷамъиятӣ, таълимӣ ва тиҷоратӣ дар фароҳамсозии шароитҳои мусоид баҳри инкишофи истеҳсоли саноати коркард асоснок карда шудааст;

- дар таҳқиқот механизми консептуалии такмилёфтаи ҳамкории мутақобилаи институтҳои ҳокимияти давлатӣ ва субъектҳои фаъолияти истеҳсолӣ дар самти саноати коркард коркард карда шуда, ташаккули низоми бисёрсатҳаи дастгирӣ ва рушди корхонаҳои саноати коркард дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия гардидааст.

## 4. Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он аст, ки муқаррароти илман асоснокгардида ва методологии дар диссертатсия пешниҳодгардида ба рушди минбаъдаи назарияи соҳаҳо, консепсияҳои рақобатпазирӣ, коркарди стратегияҳои давлатӣ дар самти таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ, моҳият ва мундариҷаи равандҳо, маҷмуи ҳадафҳо, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятнок барои истифодаи васеи амалӣ нигаронида шудаанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот боз дар он аст, ки муқаррароти назариявӣ ва методии пешниҳодшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои ҳангоми таҳияи тавсияҳо баҳри таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард истифода шуда метавонанд, инчунин дар фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомот ва идораҳои ваколатдор, ки дар амалишавии сиёсати иқтисодиро дар соҳаи саноат татбиқ карда шавад.

Натиҷаҳои асосии илмӣ метавонанд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таҳияи барномаи стратегии рушди соҳаи саноат, дар ин замина, ҳангоми таҳия ва мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат истифода шаванд. Илова бар ин, аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки тавсияҳои мушаххасе таҳия шудаанд, ки ҳангоми таҳияи барномаҳо, лоиҳаҳо ва нақшаҳои стратегии рушди соҳаи саноат, амалишавии ҳадафҳи стратегии давлатӣ, яъне саноатикунонии босуръат истифода мешаванд.

Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф дар мактабҳои олӣ, институтҳои илмӣ таҳқиқотӣ дар такмили фарномаҳои фанҳои таълимӣ, курсҳои махсус, ҳамзамон гузаронидани корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар самти рушди сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат истифода шаванд.

## 5. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот

Дар раванди ҳалли илмии масъалаҳои гузошташуда равишҳои методологӣ ва методии пажӯҳиш, ки муаллиф интихобу истифода

намудааст, имконият медиҳад, ки натиҷаҳои судманди илмӣ дар самти таъмини рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, равияҳои такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатнокиро асоснок ва пешниҳод намудааст.

Асоснокии хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия омада ва сатҳи илмии онҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки муаллиф асарҳои бунёдии олимони иқтисодии ватанию хориҷиро оид ба ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар шароити амалишавии саноатикунонии босуръат эҷодкорона истифода бурдааст.

Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усули диалектикӣ, сохторӣ, системавию низомӣ, сабабӣ, усули омӯзиши омилҳо, экспертӣ-таҳлилӣ, арзёбии мунтазами миқдорӣ ва ҳамаҷониба, сохторӣ-функсионалӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ, омилӣ, усули индуксия ва дедуксия, таҳлил ва синтез, инчунин, дигар усулҳои иқтисодӣ ва умумиилмии донишҳо васеъ истифода шудаанд.

Шиносоӣ бо мундариҷаи диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф хеле моҳирона бо адабиётҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот кор кардааст, мустақилона далелҳои омориро вобаста бо мақсади таҳқиқот ҷамъ оварда, коркард ва таҳлил намудааст.

**6. Арзёбии мундариҷаи диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он**

Диссертатсияи барои тақриз пешниҳодгардида аз муқаддима, се боб, хулосаҳо ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёти истифодашуда бо 207 номгӯ иборат аст. Матни асосии диссертатсия дар ҳаҷми 228 саҳифаи чопии компютерӣ навишта шуда, дар он 26 ҷадвал, 8 расм, 10 диаграммаҳо ва замимаҳо оварда шудааст.

**Дар муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия ва сатҳи омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва усулҳои таҳқиқот муайян шудаанд, инчунин, муқаррароти дорои навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия инъикос гардида, маълумот оид ба тавсиби натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод карда шудаанд (С. 3-13).

**Дар боби якуми** диссертатсия “Ҷанбаҳои назариявии ташаккули механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ” таҳқиқи асосҳои назариявӣ, шароитҳо, омилҳо ва принсипҳо, амалисозии стратегияи таъмини ракобатпазирии корхонаи саноатӣ бо истифода аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст (С.24-87).

Муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми «рақобатпазири корхона» ва моҳияти онро аз асарҳои классикони илми иқтисод, мактабҳои муосири иқтисодӣ, донишмандони хориҷиву ватанӣ васеъ истифода намуда, чунин иброз менамояд: "...Истифодаи мафҳуми «рақобатпазирӣ" барои иқтисодиёти Тоҷикистон ва дигар кишварҳои собиқ иттифоқи шуравӣ нисбатан нав аст ва бо гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ ва пайвастан онҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мубрамияти хосро пайдо кард". Дар асоси таҳқиқ, муаллиф ақидаи худро оиди ин масъала пешниҳод кардааст, яъне "рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ҳамчун маҷмуи имкониятҳо ва афзалиятҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоте, ки барои таъмини қобилияти истодагарӣ, самаранокӣ ва мутобиқшавӣ ба шароити тағйирёбандаи бозор ва муҳити беруна, заминаи рушди устувори дарозмуддат мебошад", пешкаш шудааст" (С.27-32). Ин нуқтаи назари муаллиф барои рушди назарияи таҳқиқоти мазкур саҳми муайян ҳоҳад гузошт .

Дар диссертатсия механизми ташкиливу иқтисодии баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ ва унсурҳои он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки нуқтаи меҳварии таҳқиқотро ифода мекунад. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки дар диссертатсия муаллиф зикр менамояд, ки механизми ташкилӣ-иқтисодии маҷмуи усулҳо, воситаҳо, фишангҳо ва шаклҳои ташкилӣ ва иқтисодиро, ки бо истифодаи он корхонаи саноатӣ сатҳи рақобатпазирии худро баланд мебардорад, бояд фаҳмида шавад. Дар асоси он таркиби механизмҳо муайян карда шуддааст (С.37).

Ба андешаи муаллиф, омилҳое, ки ба рақобатпазирии корхонаҳо таъсир мерасонанд, ба ду гурӯҳ, яъне омилҳои дохилӣ ва берунӣ ҷудо карда шудааст. Ба омилҳои берунӣ: шароити бозорҳои глобалӣ ва доҳилӣ, қонунгузорӣ, талабот ва пешниҳод, муштариён ва ғайра дохил гардида, ба рақобатпазирии корхона таъсир мерасонанд. Ба омилҳои дохилӣ: захираҳои молиявӣ, моддӣ ва корӣ, нархгузорӣ, техника ва технология дохил мешавад, ки барои рақобатпазирӣ хеле муҳим аст (С.45-49). Ин ақидаро эътироф накардан ғайримкон аст.

Муаллиф дар диссертатсия раванди таҳия ва амалисозии стратегияи таъмини ракобатпазирии корхонаи саноатиро бо истифодаи механизми ташкилӣ-иқтисодӣ баррасӣ намудааст. Алалхусус, иброз менамояд, ки: " ... барои таъмини раванди таҳлил ва арзёбии рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ маҷмуи нишондиҳандаҳо ба якчанд гуруҳи асосӣ тақсим карда шаванд. Таҳлили он нишон медиҳад, ки арзёбии мукаммали рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ бояд гуруҳӣ нишондиҳандаҳои молиявӣ ва иқтисодӣ, техникӣ ва истеҳсолӣ, маркетинг, ташкилӣ ва

иҷтимоӣ истифода гарданд. Истифодаи онҳо барои таҳлили ҳамаҷонибаи доҳилӣ (истеҳсолӣ, молиявӣ, сармоягузорӣ, маркетингӣ ва ғайра) ва берунаи фаъолияти корхона (мавқеи он дар бозорҳои доҳилӣ ва хориҷӣ) имконият медиҳад" (С.60-66). Чунин ақидаҳои муаллиф дар илми муосир мебоист мавзуи мусоҳиба бошанд.

**Дар боби дувум** "Таҳлил ва арзёбии вазъи муосири рушди соҳаи саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон", вазъи рушди саноати Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт, ҳолати рақобатпазирии соҳаи саноати коркард, бартариҳои рақобатии он, мавқеи Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода шудааст (С.70 - 125).

Натиҷаҳои боби мазкур дорои аҳаммияти назарраси амалӣ мебошанд, зеро дар доираи он ба рушди саноати Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат баҳои объективона гузошта шудааст. Муаллиф дар асоси таҳлил иброз менамояд, ки тамоюли мусбии рушди саноати истихроҷ нисбат ба соҳаҳои саноати коркард дар иқтисоди Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ки дар ҳолати боқӣ мондан он ба афзоиши номутаносибиҳои нав оварда расонда метавонад. Сабабҳои он дарҷ гардидааст: паст будани рақобатпазирии саноати коркард; талабот ба ашёи хом дар бозори хориҷӣ хеле баланд буда, ашёи хоми ватанӣ ба хориҷа ирсол мегардад, бештари сармоягузориҳои мустақими ҳориҷӣ ба бахши саноати истихроҷи ватанӣ мегардад (С. 72 - 77).

Диссертант дар рисола масъалаҳои зеринро пурра мавриди таҳқиқ қарор додааст. Алалхусус, динамикаи ҳиссаи соҳаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқ дар ММД Тоҷикистон, истеҳсоли арзиши иловашуда дар саноати коркард ба як нафар аҳолӣ, ҳиссаи шуғл дар саноати коркард, ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои асосии саноати Тоҷикистон дар давраи солҳои 2016-2022 ва ғайраҳо. Дар асоси маводҳои таҳлилӣ муқоисаи сатҳи рушди саноати коркарди Тоҷикистон дар заминаи рақобатпазирии глобалӣ (ҷаҳонӣ) ва минтақавӣ дар соли 2022 муайян карда шудааст. Ҳангоми гузаронидани таҳлили муқоисавӣ муаллиф қайд менамояд, ки: "Тоҷикистон ҳоло дар сатҳи кишварҳои дорои сатҳи пасти даромад дохил мешавад, бояд на бо кишварҳои мутараққии дорои саноати постиндурстриалӣ, балки бо кишварҳои дорои бо сатҳи баланди даромад рақобат кунад. Дар баробари ин, онҳо дар дурнамои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат дар ҷараёни ҳамгироии иқтисоди миллии Тоҷикистон ва соҳаи саноати коркард ва субъектҳои он имкониятҳои баланд бардоштани рақобатпазириро талаб мекунад"(С.79-89). Аз ин лиҳоз, ақидаи муаллиф, ки таъмини рақобатпазириро ба пеш мегузорад бо рушди кишварҳои мутараққии ҷаҳон бо ҳам зич алоқаманд менамояд.

Аз ҷониби муаллиф коэффитсиентҳои мутобиқгардонӣ (Км) ва истеҳсоли сарикасӣ (Кс) дар соҳаҳои саноати коркарди минтақаҳои Тоҷикистон таҳлил карда шудааст. Бо андешаи муаллиф, соҳаҳои бофандагӣ ё истихроҷи маъдан, мошинсозӣ ва энергетикии саноати вилояти Хатлон бо нишондиҳандаҳои баландтарини мутобиқсозӣ ва истеҳсолот ба ҳар сари аҳолӣ фарқ мекунанд. Дар вилояти Суғд бошад, сатҳи баланди коэффитсиентҳо дар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, истеҳсоли маҳсулот аз резина ва пластмасса, истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ ва маҳсулоти тайёри металлургӣ ташаккул ёфтаанд. Коэффитсиентҳои баланди коркарди чӯб яке аз ихтисосҳои асосии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон мегардад. Дар Душанбе бошад истеҳсоли коғаз, маҳсулоти чопӣ, чарм, пойафзол, мошину таҷҳизот, маҳсулоти чӯбӣ, маҳсулоти кимиёвӣ, резина ва пластмасса, нассоҷӣ ва дӯзандагӣ тахассус дорад (С.95-101).

Дар диссертатсия қайд гардидааст, ки:“... дар давраи таҳлилӣ бо назардошти рушди корҳонаҳои саноати коркард масъалаи таъмини рақобатпазирии онҳо то ҳол ба талаботи муосир пурра ҷавобгуй намебошад ва қабули татбирҳои иловагиро талаб мекунад. Дар ин ҷода низ таҳқиқи макони саноати коркарди Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ бояд иловатан гузаронида шавад”. (С.104).

Муаллиф дар асоси таҳлили бартариҳои рақобатии саноати коркард ва ҷои Тоҷикистон дар индексҳои ташкилотҳои байналмилалӣ сухан меронад, ки корхонаҳои соҳаи саноати коркард бояд бо роҳи баланд бардоштани сифат, кам кардани арзиши аслии маҳсулот, бо шарикон муҳайё намудани шароити мусоид ҳангоми баромадан ба бозорҳои беруна, хизматрасонии пеш аз фурӯш ва баъд аз фурӯш ба мизоҷон, ки боиси баланд шудани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ мегардад, бояд роҳандозӣ намоянд (С.121-123).

Муаллифи диссертатсия зикр менамояд, ки: “Таҳлили вазъи рушди корҳонаҳои саноати коркард нишон медиҳад, ки онҳо як қатор бартариҳои рақобатӣ дорад аз ҳисоби омилҳои истеҳсолӣ, алалхусус, мавҷуд бадани ашеи ҳоми маҳҳалӣ ва заҳираҳои меҳнатӣ, дар баробари ин, омилҳои манфӣ, инчунин сатҳи пасти самаранокии истеҳсолот, нопурра истифодабарии воситаҳои асосӣ ва фарсудашаваии онҳо ба афзудани рақобатпазирии онҳо монеъаҳои иловагӣ эҷод менамояд”. Ақидаи мазкури дисертант ҷолиби диққат аст (С.125)

**Дар боби сеюм** “Самтҳои асосии мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Тоҷикистон” роҳҳои баландбардории рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркарди, мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии он, ташаккули

кластерҳои саноатӣ ҳамчун воситаи рушди инноватсионии корхонаҳои саноати коркард гузаронида шудааст (С.126-185).

Диссертант зикр намудааст, ки: “Барои роҳандозии чорабиниҳо оид ба таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати коркард, пеш аз ҳама, маблағгузорӣ зарур аст. Ба андешаи мо, вақти он расидааст, ки барномаи комплексие таҳия карда шавад, ки рушди ҳамаи соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкории истеҳсолӣ фарогир бошад. ...Рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар Тоҷикистон шарти муҳим барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.” (С.129-132). Дар ҳақиқат, инҳо самтҳои афзалиятноки таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноати Тоҷикистон мебошад.

Аз ҷониби муаллиф модели таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар асоси механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод гардидааст. Муаллиф қайд менамояд, ки: “Ин модел, инчунин ба рушди лоиҳаҳои муштараки тадқиқотӣ, марказҳои инкубатсионӣ ва кластерҳои технологӣ мусоидат мекунад, ки барои даври пайвастаи инноватсия шароит фароҳам меорад. Дар натиҷа, ҳамгироии илм ва истеҳсолот ба суръат бахшидани пешрафти технологӣ, рушди устувори иқтисодиёт ва мустаҳкам кардани мавқеъ дар бозорҳои байналмилалӣ мусоидат мекунад” (С.135-140).

Дар диссертатсия ҳамкории мутақобилаи сохторҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои саноатӣ дар раванди мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии ба таъмини рақобатпазирӣ нигаронидашуда бо тарзи схема инъикос гардидааст, ки дар ҳақиқат, тақвияти раванди мазкур ҷолиби диққат аст (С.153-157).

Диссертант қайд намудааст, ки шарикии давлат ва бахши хусусӣ метавонад, ки рақобатпазирии корхонаҳои саноатӣ дар мамлакат таъмин намояд. Зеро дар ин ҳолат механизмҳои зерин амалӣ мегарданд: таҳияи заминаи ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқи моликият, содда кардани расмиёти маъмурӣ ва фароҳам овардани муҳити мусоиди тиҷорат, рушди инфрасохтор, аз ҷумла шабакаҳои нақлиётӣ ва энергетикӣ, дастгирии инноватсия, аз ҷумла барномаҳои субсидияи давлатӣ, имтиёзҳои андоз барои лоиҳаҳои тадқиқотӣ ва таҳия, ба татбиқи технологияҳои нав ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат мекунад (С. 159-161).

Ба андешаи муаллиф, ташаккули кластерҳои саноатӣ ҳамчун воситаи баландбардории рақобатпазирӣ ва рушди инноватсионии корхонаҳои соҳаи саноати коркард дар давраи миёна ва дарозмуддат баромад мекунад. Муаллиф таъкид менамояд, ки ташкил ва инкишофи кластерҳои агросаноатӣ мутобиқгардонии фаъолияти хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаҳои азнавкоркардкунандаро дар доираи занҷири ягонаи истеҳсол

имконпазир гардонда, истифодаи мақсадноки захираҳоро барои рушди истеҳсолоти инноватсионӣ таъмин мекунад, дараҷаи азнавкоркардкунии маҳсулоти хоҷагии деҳотро баланд мебарорад ва масъалаҳои воридотивазкуниро ҳал мекунад (С.172-185).

Дар хулоса аз ҷониби муаллиф муқарроротҳои асосии назариявӣ, методӣ ва илмӣ-амалӣ, инчунин тавсияҳо оид ба мукаммалсозии механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Тоҷикистон инъикос гардидааст.

## 7. Эроду тавсияҳо ба диссертатсия

Ба сифати эроду тавсияҳо ба диссертатсияи мазкур чунин нуқтаҳоро қайд кардан мумкин аст:

1. Қисмати “мубрамияти” диссертатсия бо далелҳои аниқу саҳеҳ, факту рақамҳо оид ба мавҷудияти муаммоҳои дар механизми ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои соҳаи саноати коркарди Тоҷикистон, ки ҳалли он дар низоми рушди соҳаи саноат аҳаммияти баланд дорад, асоснок карда мешуд, мувофиқи мақсад мегардид;
2. Дар асоси таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф тавонистааст, ки натиҷаҳои назарраси илмиро ҳамчун навгонӣ дар шаш банд пешниҳод кардааст. Ба андешаи мо, боз ҳам беҳтар мегардид, агар муаллиф зимни баррасии банди дувуми навгонӣ, ки: “... хусусиятҳои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои таъмини рақобатпазирии фаъолияти онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шудаанд” гуфта шудаст, аз нуқтаи назари муаллиф, яъне кадом хусусиятҳо дар назар дошта шудааст, бо тарзи кутоҳ ишора мегардид боз ҳам хуб мешуд. (С.9)
3. Дар зербоби якуми боби аввал аз ҷониби муаллиф барои таъмини рақобатпазирии корҳонаҳи саноатӣ консепсияҳои классикӣ, муосир, стратегияҳо, моделҳо ва услуҳои гуногун мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Вале, кадоми онҳо барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад, ишора нагардиддаст.
4. Муаллиф ҳангоми таҳқиқоти боби 2 зербоби 2.1 “Таҳлил ва арзёбии рушди саноати Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёт” дар саҳифаҳои 73-83 пай дар пай 10 диаграмма, 11 ҷадвалро овардааст, ки таҳлили онҳо нопурра гаштааст.
5. Ҷадвали 2.2.3. диссертатсия коэффитсиентҳои мутобиқгардонӣ (Км) ва истеҳсоли сарикасии (Кс) соҳаҳои саноати коркард ҳисоб карда шудааст (С.95), аммо таҳлили он ба таври пурра инъикос наёфтааст, яъне сабаби ҳолати мавҷуда дарҷ нагардидааст. (С.96)
6. Муаллиф дар саҳифаи 122 диссертатсия нишондиҳандаҳои молиявии корхонаҳои пешқадами саноати дӯзандагии Тоҷикистон дар

соли 2022 гирд оварда хеле хуб таҳлил намудааст, вале сатҳи даромаднокӣ хеле паст нишон дода шудааст, ки баҳсталаб мебошад. (С.122-123).

7. Муаллиф дар диссертатсия механизми ҳамкории мутақобилаи ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва корхонаҳои саноатиро (с.154) хеле хуб нишон додааст, аммо баъзе паҳлуҳои он асоснокунии мушаххасро талаб менамояд.

Аммо эроду тавсияҳои зикршуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддинро коҳиш намедиҳад. Дар умум, диссертатсияро метавон гуфт, ки мустақилияти муаллиф дар омода намудани диссертатсия эҳсос мешавад ва таҳқиқоти баитмомрасида аст.

## 8. Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ

Асарҳои интишорнамудаи муаллиф хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос менамоянд. Аз рӯйи натиҷаҳои таҳқиқот 11 корҳои илмӣ, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофшуда чоп карда шудаанд.

Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд.

Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

## 9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

## 10. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ

Диссертатсия дар мавзуи «Такмили механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии таъмини рақобатпазирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат (дар мисоли корхонаҳои саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04 – Иқтисодиёти соҳавӣ (08.00.04.01 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика) таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 низомномаи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Нуриддинзода Аҳлиддин Нуриддин сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси мазкур мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. Дар маҷлис оид ба муҳокимаи масъалаи мазкур 14 нафар омӯзгорон иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" - 14 нафар, "зид"- нест, "бетараф"- нест (суратҷаласаи № 7, аз 22 январи соли 2025)).

**Ташхисгар:**
**доктори илми иқтисодӣ,**
**профессори ДДҲБСТ** **Ризозода Тӯра Раббим**

**Раиси ҷаласа,**
**мудири кафедраи иқтисодиёти**
**корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ,**
**н.и.и., дотсент** **Қаюмов Ф.Г.**

**Котиб, н.и.и, дотсент** **Шарипова З.С.**

**Суроғаи донишгоҳ:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, ДДҲБСТ, 17 мкр-н, б. 1, www.tsulbp.tj +992(3422)23811, E-mail: tsulbp@rambler.ru

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДҲБСТ Бобоев А. Х.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС